Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-073-и
ки дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров )
(735700, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбековҳо,1.)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00. 02. – "Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)."**

Раванди бавуҷудоӣ ва ташаккули илми таърихи халқи тоҷик бо бозёфт ва таҳқиқи маводҳои бостоншиносӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ алоқаи зич дорад. Таърихи бостоншиносии Тоҷикистон ин таърихи бисёрсолаи ҷустуҷӯҳои илмиест, ки дар он ҳамасола нафарони зиёд иштирок карданд ва карда истодаанд.

Гуфтан мумкин аст, ки сарогози омӯзиши бостоншиносӣ дар қаламрави Тоҷикистон бо таъсисёбии муассисаҳои илмӣ-тадқиқоти ва фарҳангии ҷумҳуриамон алоқаманд аст. Тадқиқоти археологӣ, гузаронидани кофтуковҳои саҳроӣ, омӯзиши ёдгориҳои археологӣ дар солҳои Шӯравӣ имконият доданд, ки масъалаи омӯзиши давраи қадимтарини таърихи халқи тоҷик - асри санг ва асри биринҷи Тоҷикистонро вусъат ёбад. Дар ин кор, ки меҳнати зиёд ва дақиқназаронаи олимонро талаб мекунад, дар қатори муахассисони тоҷик, мутахассисони муассисаҳои илмии марказии ИҶШС (собиқ СССР) иштирок карданд. Дар байни онҳо А.Ю.Якубовский, М.М.Дяконов, А.М.Беленитский, А.П. Окладников мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Маводҳои ба даст овардашуда ва чоп шуда имконият медиҳанд, ки то дараҷае бо саҳифаҳои таърихи қадимтарину қадими инсоният, аз ҷумла халқи тоҷик, шинос шавем. Ҳамаи ин маводу мадракҳоро дар муассисаҳои илмӣ меомӯзанд, аз нав баркарор мекунанд, тахминҳои пештараро аз ҷиҳати илмӣ асоснок ё рад карда, фикру мулоҳиза ва гипотезаҳои нав ба миён мегузоранд. Омӯзиши ин раванди ҷамъоварии маводҳо дар замони Шӯравӣ барои ривоҷ ва равнақи илми таърихшиносии имрӯза хеле муҳимаст. Аз ин ҷиҳат мавзӯи диссертатсионии Хайруллозода Кароматулло "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" актуалӣ, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар ин бобат диссертант дуруст қайд намудаст, ки бе омӯзиши бостоншиносии минтақаи шимоли Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашидани дигар ёдгориҳои водии Фарғонаи Осиёи Марказӣ ва

сохтани харитаи археологии Тоҷикистон ғайриимкон аст ва бо далелҳои пойдор ин гуфтаҳоро тасдиқ намудааст.

Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло чӣ аз ҷиҳати сохтор (сарсухан, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт) ва чӣ аз ҷиҳати мазмун (мувофиқаткунии мундариҷа, мақсаду маром, вазифа ва хулосаҳои ба дастомада) дар сатҳи зарурӣ ба сомон расонида шудааст. Номҳои бобу зербобҳои рисола мазмуни онро инъикос менамоянд. Дар тадқиқот доираи хеле васеи сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ истифода бурда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванда асоснок гардида, асосҳои назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Дар ин радиф тавсифи натиҷаҳои масъалаи таҳқиқшаванда ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - “**Корҳои бостоншиносии солҳои 1929-1941 дар Тоҷикистони Шимолӣ**” ном дошта, он аз се фасл иборат буда, дар бораи пойдоргардидани муассисаҳои аввалини илмӣ дар Тоҷикистон ва оғози корҳои археологӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввал таърихи ташаккули аввалин марказҳои илмии шӯравӣ оид ба омӯзиши мероси фарҳангии тоҷикон ба таври возеҳ инъикос гардидааст. Дар ин зербоб аҳамияти таъсиси муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кашфи аввалин ёдгориҳои археологӣ аз ҷониби дастаҳои Экспедитсияи Тоҷику Помир бо иштироки бостоншинос М.Е.Массон, аҳамияти кашфиёти М.Е.Массон барои омӯзиши минбаъдаи ёдгориҳои вилояти Хуҷанд (Суғди имрӯза) ва таърихи халқи тоҷик, масъалаи санагузорӣ ва арзиши ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ, дастовардҳо ва камбудиҳо дар омӯзиши мероси ниёгон ва дигар масъалаҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертант дар қатори муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии аввалини тоҷик Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони шимолиро номбар намудааст. Дар ҳақиқат, саҳми ин осорхона дар омӯзиши бостоншиносии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон бузург аст. Дар зербоби дуюм боби 1-ум таҳқиқотҳои бостоншиносии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хайруллозода К. Солҳои 30-уми асри XX-ро марҳилаи муҳим дар омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистон донистааст. Диссертант қайд намудааст, ки бо вуҷуди мушкилиҳои солҳои аввали давраи шӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ чандин корҳои арзишманди археологӣ анҷом дода шуданд. Хайруллозода Кароматулло таъкид намудааст, ки дар таҳқиқи корҳои саҳроии солҳои 30-ум чанде аз кишваршиносони тоҷик низ фаъол буданд. Аз ин рӯ, зербоби сеюми боби 2 рисола, ки номаш “Фаъолияти

В.Р.Чейлитко оид ба муайян ва омӯхтани ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ” аст, ҷолиби диққат мебошад.

Боби дуюми рисола “Таҳқиқоти дастаҳои Экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1946-1973’’ унвон гирифта, ба таҳқиқу баррасии хусусиятҳои ҳафриёти бостоншиносони шӯравӣ дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ то оғози солҳои 70-уми асри XX бахшида шудааст.

Дар фасли аввали боби дуюми диссертатсия тахти унвони “Оғози омӯзиши муназзами ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ” диссертант дуруст қайд намудааст, ки тадқиқотҳои мунтазами бостоншиносӣ дар Тоҷикистон аз соли 1946, пас аз ташкилшавии Экспедитсияи бостоншиносии Суғду Тоҷик – СТАЭ (Согдийско-таджикская археологическая экспедиция) аз ҷониби Институти таърихи фарҳанги моддии Академияи илмҳои ИҶШС, Филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС ва Эрмитажи давлатӣ бо сардории А.Ю.Якубовский оғоз гардидааст.

Фасли дуюми боби дуюм, ки “Ҳафриёти Экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолии солҳои 1951-1960” ном дорад, ба натиҷаи фаъолияти бостоншиносони шӯравӣ, ба хусус С.П.Окладников, Б.А.Литвинский, В.А.Ранов, Н.Н.Неъматов ва дигарон бахшида шуда, саҳми ин олимони номдори шӯравӣ дар таҳқиқи ёдгориҳои археологии Тоҷикистони шимолӣ ба таври возеҳ инъикос гардидааст. Диссертант қайд намудааст, ки дар рафти кори экспедитсия ва ҳафриёти ёдгориҳои қаторкӯҳи Курамаю Ашт, Қайроққуму Исфара ва Истравшан, олимони ҷавони тоҷик, мутахассисони соҳаи бостоншиносӣ – Е.Д.Салтовская, Э.Г.Ғуломова, Ю.Якубов, Ӯ.Пӯлотов ва дигарон соҳиби таҷрибаи бой гардидаанд. Баробати таҳлили ҳисоботҳои роҳбарони дастаҳои бостоншиносӣ, муаллифи рисола доир ба ҳафриёти ёдгориҳои минтақа фикру ақидаҳои хешро баён намудааст.

Фасли сеюми боб давоми мантиқии фаслҳои пешин буда ба таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1961-1973 бахшида шудааст. Дар он ҷамбасти фаъолияти даҳсолаи дастаҳои бостоншиносие, ки дар ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ ҳафриёт гузоранидаанд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Нуктоти таҳқики экспедитсияиҳои бостоншиносӣ асосан дар қаламрави шаҳру деҳкадаҳои вилояти Суғд ҷараён дошта ва бостоншиносон бо ҳафриёти осори харобаҳои шаҳрҳои қадима, кӯшкҳо, бошишгоҳҳо, деҳкадаҳо, нақдҳо ва осори дигари маданияти қадимаи вилоятҳои таърихии Хуҷанд, Истаравшан ва ҳам Фарғонаи Ғарбӣ сару кор доштанд. Дар ҳудуди вилояти таърихуву фарҳангии Истаравшан чанде қалъа, касру кӯшкҳои асримиёнагӣ кашф гардиданд, ки диққати мутахассинони бисёр давлатҳои ҷаҳонро ба худ ҷалб намуд. Бозёфтҳои нодиру беназир, мисли расмҳои рӯи девори Қалъаи Қаҳқаҳа, катибаҳои суғдии Чилхуҷра, зарфҳои

олисифати Чилдухтарон кашфи тамаддуни Истаравшанро тасдиқ намуданд. Бояд гуфт ки  диссертант роҷеъ ба масъалаи мазкур дар асоси сарчашмаи археологӣ ва адабиёти зиёди илмӣ ва таҳлилу баррасии онҳо ба қадри зарурӣ масъаларо ҳаллу фасл намудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими арҳеологияи ватанӣ таъсиси экспедитсияи махсус барои таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони шимолӣ мебошад. Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимоли (ЭБКТШ, роҳбараш – профессор Н.Н.Неъматов)) фаъолияти мунтазами хешро аз мавсими саҳроии соли 1974 оғоз бахшидааст. Ба экспедитсияи  номбурда асосан кормандони  Шӯъбаи таърихи маданияти Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буданд. Боби сеюми диссертатсия пурра ба таҳлили илмии фаъолияти Экспедитсияи Тоҷикистони шимолӣ бахшида шудааст. Боби мазмур аз зербобҳои зерин:  1). "Таъсиси Экспедитсияи бостоншиносии еомплексии Тоҷикистони Шимолӣ ва самтҳои асосии таҳқиқот дар Тоҷикистони Шимолӣ", 2). "Таҳқиқоти бостоншиносон дар нимаи якуми солҳои 80-уми асри XX", ва 3). "Дастовардҳои Экспедитсияи бостонгиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ дар омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ дар солҳои 80-уми асри XX"иборат аст.

Аз давраи ташкили экспедитсия (1974) ва то соли 1989 раванди асосии бостоншиносон чунин масоил пешрафт дошт: а) масоили замони асри биринҷӣ ва ибтидои асри оҳани аҳолии муқимнишин ва кӯчии Фарғонаи Ғарбӣ; б) таҳқики номи маҳалҳои таърихӣ (топонимика) ва ҷой ба ҷой гузоштани онҳо; шакли иқтисодӣ ва маданияти моддии шаҳрҳои қадимаи Хуҷанду Истаравшан; в) масоили мубрами ёдгориҳои санъати тасвирӣ, ақоиди динӣ ва расму русумҳои халқӣ; г) навъҳои ёдгориҳои моддӣ, меъмории суннатӣ ва динӣ; д) навъҳои истеҳкомҳои ҳарбӣ.

Вобаста ба ин ва дигар масоилҳои илми олимони Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) дар солҳои 70-80-уми асри XX басо меҳнати  зиёдеро ба харҷ доданд то ин ки кулли ёдгориҳои мухталифи таърихии кишвар ба пурраги мавзӯи таҳқиқ  қарор дошта бошанд. Масалан, таҳқиқи давраи асри санг  ба Н.А.Москаленко ва В.А.Жуков, обидаҳои замони сакоӣ, инчунин,  қурғонҳо, курумҳо ва муғхонаҳо ва ҳам накшҳои рӯи санги кӯҳҳои  Мевағул ва Қурама ба зиммаи Е.Д.Салтовская ва О.В.Панфилов, бошишгоҳҳо, харобаи шаҳракҳои ибтидои асри оҳан, ва масоили мубрами шаҳру шаҳракҳои замони оҳан ба зиммаи Н.Неъматов, У.Пулодов, А.Мирбобоев, Е.Салтовская, Т.Беляева, Р.Афзалов, П.Самойлик, А.Маняхина, Н.Раҳимов, А.Ҳоликӣ, осори дафнгоҳҳои қадима ба зиммаи А.Мирбобоев, В.Ҷумаев, калъа-истеҳкомҳои охирҳои асри миёнагӣ ба зимаи С.Марофиев, ёдгориҳои обёрӣ ба зимаи А.Билолов ва У.Эшонкулов,

масоили таърихи кулолгарӣ дар шаҳри Бунҷикат ва Ӯротеппа ба зиммаи П. Самойлик вогузор шуд.

Дар дисссертация омадааст, ки дар давомоти солҳои 70-80-ми асри XX Экспедитсияи бостоншиносиии комплексии Точикистони шимолӣ як силсила ахборот-тадкикоти илмиро ба анҷом расонид, ки он чанд масоили ҷамъбастӣ ва дурнаморо дар шаҳру ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон фарогирӣ мекард. Чунончи онҳо масоили этникӣ, иқтисодӣ, таърих, ҳаёти иҷтимоӣ ва инчунин раванди инкишофи ҳаёти моддӣ ва маънавии қавму қабоили кадимаи се ҳавзаи таърихию фарҳангии Истаравшан, Хуҷанд ва Фарғонаи Ғарбиро фарогирӣ мекард

Унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло ба хулосае омадааст, ки маводҳои бостони равшан карданд, ки маданияти моддӣ ва фарҳангии аҳолии қадимаи ҳавзаи рӯди Сир басо бисёрҷабҳа буданд. Алоқаи маданияти кишоварзӣ ва чорводорӣ омилҳои муҳимтарини рушд ва ташаккули фарҳанги воло будааст. Маҳз бо шарофати ҳафриёти бостоншиносон А.П.Окладников, Б.А.Литвинский ва В. А. Ранов маданияти қадимаи аҳолии Кайроққум, ки дар фаъолияти рузмарраи онҳо истеҳсоли маъдан гудохт ва ҳам коркарди он ба шакли табарҳои аълосифати биринҷӣ мақоми арзишманд дошт, муқаррар гардид. Бо ин кашфиёт дар як вакт инчунин таърихи пайдоиши марказҳои истеҳсоли маъдан, робитаи байни аҳолии шаҳраку аҳолии деҳаҳои атрофи он ва инчунин русуми дафн ва масоили дигар ҳалли худро пайдо карданд.

Фаъолияти Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ аз ҷониби марказҳои илмӣ эътироф шуданд. Аъзоёни экспедитсия дар бисёр кунгураҳои ҷаҳонӣ иштирок намуда оиди дастовардҳои бостоншиносии Экспедитсияи бостонштносии комплексии ТОҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) гузориш додаанд. Аз боло рафтани эътибори кашфиётҳои бостоншиносони тоҷик ширкати онҳо дар лоиҳаҳои байналхалқи лоиҳаҳо, намоишҳо ва ҳам ҳафриётҳои муштарак бо бостоншиносони Русия, Олмон, ШМА, Польша ва дигарҳо башорат медиҳад.

Инак, сохтори диссертатсия ва пайдарпайи бобу зербобҳо, ҷойбаҷойкунии маводи археологӣ мантиқан дуруст буда, диссертатсияи Хайруллозода кори илмии ба анҷом расонида мебошад. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин иштирок дар экспедитсияҳои бостоншиносӣ (корҳои саҳроӣ) тасдиқ карда мешавад. Ба ғайр аз ин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Новобаста аз бартариҳо дар кори диссертатсионии мазкур камбудиҳои зерини зикршуда ба шарҳи муаллиф ниёз доранд:

1. Муаллиф ба фаъолияти бостоншиносони алоҳида дар Тоҷикистони Шимолӣ камтар аҳамият додааст.

2. Дар охири боби сеюми рисола маълумоти кӯтоҳ дар бораи корҳои бостоншиносӣ дар замони Истиқлол илова кардан лозим.

3. Даврабандии таърихи ҳафриёти ёдгориҳои бостонии Тоҷикистони Шимолӣ дуруст аст, аммо бояд онро бо факту рақам асоснок намудан лозим.

4. Диссертатсия ба таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимоли бахшида шудааст, аз ин рӯ диссертант метавонад як ҷадвали хрологиро доир ба таърихи кашф ва ҳафри ёдгориҳоро тайёр намояд.

5. Баъзе хатогиҳои техникӣ дар услуби ҷобаҷогузории адабиётҳо дар поварақ мушоҳи да мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Сохтор ва дастгоҳи илмию техникии диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунад. Диссертатси мустакилона иҷро шуда, тадқиқоти анҷомёфта мебошад ва ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Хайрулозода Кароматулло дар мавзуи "Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989) тибқи банди 53-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад

**Сардори раёсати илм ва**
**инноватсияи Донишкадаи кӯҳию**
**металлургии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Рахимова Ш.К.**

Суроға: 735730, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Бустон, к. А Баротов 6.
Тел: +992 3451 50634

**Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент**
**Ш. К Раҳимова-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрхо ва корҳои**
**махсуси Донишкадаи куҳию металлургии**
**Тоҷикистон** **Мӯминова Д.М.**

«14» 03 2024с.